# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ**

Диссертатсияи доктории Рустамзода Саодат Рустам ба таҳқиқ ва омӯзиши методологияи тарҷумаи истилоҳот, алалхусус, истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бахшида шуда, дар он ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷумавии истилоҳот, аз ҷумла, низоми истилоҳот ва марҳилаҳои ташаккулёбии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва омилҳои тарҷуманопазирии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқи методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ва муҳимми забоншиносӣ, истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносӣ маҳсуб меёбад.

Муҳтавои диссертатсия низоми истилоҳоти илмҳои гуманитариро ба таври комил танзим намуда, хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, услубӣ, дастурӣ ва фарҳангиву маърифатии онро зимни таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад ва методология ва равишҳои муассири тарҷумаи онҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушаххас менамояд. Илова бар ин, таҳқиқ ба муайянсозии стратегия ва методу равишҳои мутобиқ ба истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ равона гардида, дар он масъалаҳои мушкилоти тарҷумаи истилоҳот ва тарҷуманопазирии онҳо бо таҳвилҳои луғавӣ, дастурӣ ва услубӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Мақсади асосии таҳқиқи диссертатсия пешниҳоди методологияе мебошад, ки аз методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои дақиқ фарқ дошта, барои беҳтарсозии сифати тарҷума дар матнҳои илмӣ ва тартиб додани фарҳангҳои дузабонаи соҳавӣ ба тарҷумонҳо ва муҳаққиқони соҳаҳои марбут имконияти васеъ фароҳам кунад.

Аҳаммияти кори диссертатсионии мазкур бо он муайян мегардад, ки тарҷумаи илман мукаммал ва асосноки истилоҳоти илмҳои гуманитарии мафҳумҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, фалсафӣ, ҳуқуқӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва дигар илмҳоро фарогиранда, на танҳо барои тарҷумаи матнҳои илмӣ зарур аст, балки барои таҳкими забони илмӣ ва меъёргузории

баъзе истилоҳоти сермаъно, инчунин, дар таҳияи луғатномаҳои истилоҳоти соҳавию касбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти назаррас дорад. Муаллиф бори аввал бо назари тоза масоили мураккаби мушкилоти тарҷумаи истилоҳотро дар заминаи низоми истилоҳоти соҳавӣ омӯхта, равандҳои истилоҳшавӣ, истилоҳгуна, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳро дар раванди тарҷума таҳқиқ намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ ба ҳар як тарҷумони соҳибкасб тарзи дуруст интихоб намудани стратегия ва равиши тарҷумаро нишон дода, раванди тарҷумаи матнҳои илмӣ, истилоҳоти меъёргузоришуда ва муодилҳои мутобиқро бо методологияи дуруст ва сифати баланди тарҷума аз матни асл ба матни тарҷума ба танзим медарорад.

Диссертатсияи мазкур танҳо маводди назариявӣ набуда, чун роҳнамо ва дастури амалӣ метавонад дар оянда дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи тарҷума, забоншиносӣ ва истилоҳшиносӣ, инчунин, барои рушди фаъолияти касбии онҳо саҳми муассир гузорад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он таҷассум меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқи анҷомдодашуда барои пажӯҳишҳоиояндаи соҳаи истилоҳшиносӣ ва тарҷумашиносӣ заминаи назариявӣ фароҳам оварда, дар таҳияи қоидаҳои меъёрии ин самт нақши муҳим мегузоранд. Таҳлилу муқоисаҳо ва омӯзиши раванди ташаккули низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, ки дар фасли амалии таҳқиқот баррасӣ гардидаанд, метавонанд ҳамчун дастури методии ёрирасон барои батартибдарорӣ ва ягонагисозии (унификатсияи) истилоҳоти соҳаҳои илмҳои гуманитарӣ ба истилоҳшиносон хидмат намоянд.

Бори аввал дар диссертатсияи мазкур методологияи тарҷума, инчунин, стратегия ва равишҳои тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ба таври муназзам таҳлил гардида, ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалӣ барои таҳияи дастури методологии тарҷумаи истилоҳот пешниҳод шудаанд.

Роҳу усулҳои ташаккул ва инкишофи низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои муқоисашаванда ба таври ҳамаҷониба омӯхта шудаанд. Хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва вожасозии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ муайян ва тасниф карда шудаанд. Стратегия ва равишҳои

самарабахши тарҷумаи истилоҳот аз нигоҳи муқоисавӣ-типологӣ муқаррар гардидаанд. Мушкилот ва монеаҳои асосии тарҷумаи истилоҳот ошкор шуда, роҳҳои бартарафсозии онҳо пешниҳод гардидаанд. Мутобиқатҳои байнизабонии истилоҳот ва ҳолатҳои набудани муодили мустақим таҳлил карда шуда, усулҳои интиқоли онҳо асоснок шудаанд. Диссертатсия ва автореферати Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар сатҳи амиқи дарку фаҳмиши масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида, дар натиҷаҳову хулосаҳои асосии таҳқиқ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин дар ифодаи мустақилонаи нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи омӯхташаванда таҷассум меёбад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мувофиқ мебошад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 27 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 монография инъикос ёфтааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои асосии пажӯҳиш ҷамъбаст гардида, моҳияти масъалаҳои меҳварии таҳқиқ инъикос ёфтаанд. Бо назардошти аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва арзиши амалии

диссертатсия, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Рустамзода Саодат Рустам кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустамро дар мавзуи "Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи "Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Азимова Матлюба Нуриддиновна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи типология ва забоншиносии муқоисавии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

– **Султанова Рафоҳат Мирзоевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи Славянии Россия ва

Тоҷикистон;

– **Сабирова Сановбар Ғаниевна** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи "Лингвистика"-и филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳр Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” пешниҳод мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна

“17” июни соли 2026

Имзоҳои М.Т. Ҷабборова, О.Ҳ.
Қосимов, Т.Ҳ. Муҳиддиноваро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба
номи Сотим Улуғода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС